**Тақриз**

**ба автореферати Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)**

Рисолаи номзадии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна натиҷаи тадкиқоти илмӣ тахассусие мебошад, ки масъалаҳои мубрами педагогика ва рушди салоҳиятнокии омӯзгорни ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳоро ифода менамояд. Дар натиҷаи хулосаҳои бобҳои баррасишаванда, хулосаи умумӣ ва таҷрибаҳои педагогии муҳаққиқ бояд гуфт, ки тадқиқоти мазкур бо ихтисоси 13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ комилан мувофиқат мекунад.

Мавзӯи рисолаи номзадии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна воқеан яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Омӯзгорони ояндаи математика, ки ба бозори ҷаҳонӣ мутобиқат мекунанд, талаботи замон мебошад. Тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ба талаботи замона ҷавобгӯ яке аз масъалаҳои мубрами замон ба шумор рафта, дар ҷаҳони имрузаи тараққиёти босуръати техникаву технологияи навин, ки компютер ҷузъи ҷудонашавандаи илму маориф гардидааст, мавзуи баррасишаванда хеле муҳим ва замонавӣ мебошад.

Муаллиф дуруст кайд мекунад, ки ҳангоми тайёр намудани омӯзгорони ояндаи математика бояд он ҷиҳатҳоеро ба назар бигирад, ки мутахассиси оянда бояд дар бозори ҷаҳонӣ талаботи замонро қонеъ гардонад, бахуссус рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо, балки дарки маҳоратро низ инкишоф медиҳанд.

Матни рисола пурра инъикоскунандаи мазмуну мундариҷа ва мақсадҳои дар мавзӯъ баррасишаванда мебошад. Рисола аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулосаҳои ҷудогонаи ҳар боб, хулосаи умумӣ ва руйхати адабиёт иборат аст

Дар муқаддима интихоби мавзӯъ, аҳамияту дараҷаи омӯзиш, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ, пойгоҳи манбаъҳои таҳқиқшаванда, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии кор, фарзия, навгониҳои таҳқиқот асоснок ва муайян карда шудааст.

Дар **боби якум** таҳти унвони «**Муносибатҳои назариявӣ нисбати ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони ояндаи математика**» асосҳои назариявии салоҳиятнокии касбии омӯзгори фанни математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика) барои такмили салоҳиятҳои асосии омӯзгори фанни математика зикр гардидаанд.

Дар **боби дуюми** диссертатсия, ки «**Таҳқиқи озмоишӣ ва арзёбии самаранокии методикаи таҳияшудаи ташаккули салоҳиятнокии касбии**

**омӯзгорони оянда математика тавассути ҳамгироии фанҳо»** ном дорад, таҳлили сатҳи коркарди он мушкилотҳое, ки мо дар чаҳорчӯбаи назарияи педагогӣ баррасӣ мекунем, оварда шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот, таҳлил ва ҷамъбасти мавод доир ба мавзӯъ гирдовардашударо, ки дар чорчубаи чунин соҳаҳои илм аз қабили методикаи таълими математика, педагогика ва психология такя шудаанд, мубрамияти масъалаи таҳқиқгардида дар раванди таълим, ки на танҳо рушди омӯзгорони оянда математика, балки умуман педагогикаро ифода мекунад, дар бар мегирад.

Аҳамияти амалии корро муҳаққиқ дуруст чунин муайян кардааст, ки он дар коркард ва дар амал татбиқ гардидани фанҳои интихобии мебошад.

Умуман рисолаи номзадӣ бо забони содаю фаҳмои илмӣ таълиф гардида, вазифаю ҳадафи мавзӯъро пурра тавсиф мекунад.

Мазмуну муҳтавои рисолаи номзадӣ бо фишурдаҳои он, ки ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълиф гардидаанд, мувофиқатии комил дошта, мундариҷаи корро якҷоя бо мақолаҳои таълифнамудаи унвонҷӯ, ки фарогирӣ 28 адад буда, 7-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, пурра инъикос мекунанд.

Рисолаи номзадии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони оянда математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)**» тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, арзиши назарӣ ва амалӣ ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 - Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
Кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи
давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав А.М. Хоҷаев

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, куч. Айни 67.
Тел. (+992) 919-21-53-88.

Имзои А.М. Хоҷаев-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Ҷ.А. Шукурзод